Нусха
аз қарори № 5 ҷаласаи васеи Шӯрои олимони факултети факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии Данғара

аз «16» декабри соли 2022 ш. Данғара

**Иштирок доштанд:** 13 нафар аъзои Шӯрои олимони факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии Данғара иштирок доштанд, ки аз онҳо 1 нафарашон доктори илм, 5 нафарашон номзадони илм ва 7 нафарашон саромӯзгор мебошанд. Дар кори ҷаласа 13 нафар, ки сохторҳои факултетро намояндагӣ менамоянд ва 2 нафар даъватшудагон иштирок доштанд. Пешниҳод шуд, ки маҷлис кушода эълон карда шавад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона рӯзнома қабул карда шуд.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

1.Баррасии диссертатсия Қосимов Муҳаммадҷон Сафарович дар мавзуи «Муқоисаи корбурди пешояндҳо ва таҳлили маъноии онҳо дар матни бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар заминаи тарҷумаи англисии асарҳои «Ёддоштҳо», «Мактаби кӯҳна» ва «Аҳмади Девбанд»-и С.Айнӣ») барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ.

## ШУНИДА ШУД:

Аз рӯйи масъалаи мазкур Самардинов Қ.Н. – декани факултет, раиси Шӯрои олимони факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии Данғара баромад намуд. Мавсуф қайд кард, ки тибқи тартиби муқарраргардида диссертатсияи Қосимов Муҳаммадҷон Сафарович дар мавзуи «Муқоисаи корбурди пешояндҳо ва таҳлили маъноии онҳо дар матни бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар заминаи тарҷумаи англисии асарҳои «Ёддоштҳо», «Мактаби кӯҳна» ва «Аҳмади Девбанд»-и С.Айнӣ») барои муҳокима ва баррасӣ дар ҷаласаи васеи факултет пешниҳод мегардад.

Экспертизаи давраи аввали диссертатсия дар кафедраи кафедраи назария ва амалияи забони англиси Донишгоҳи давлатии Данғара баргузор гардида, нусхаи суратҷаласа ва хулосаи мусбати кафедраи мазкур доир ба пешниҳоди он ба экспертизаи давраи дуюм пешниҳод шудааст.

Дар асоси аризаи довталаб оид ба баррасии диссертатсия дар Шӯрои олимони факултет 2 нафар муқarrизони холис – доктори илмҳои филологӣ, директори пажӯҳишгоҳиравандҳои сиёсӣ, дипломатия ва масоили ҷаҳонишавии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмонова Наргис Шарифовна ва номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забонҳои хориҷии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Насруддинов Сироҷидиин

Моҳадшарифович таъйин шудаанд, ки дар ҷаласаи имрӯза ҳузур доранд. Ҳамчунин, дар ҷаласа роҳбари илмии довталаб номзади илмҳои филологӣ Туйғунов Носир Ҳақбердиевич иштирок доранд.

Сипас барои шиносоӣ бо муҳтавои таҳқиқоти диссератсионӣ сухан ба довталаби дараҷаи илмӣ Қосимов М.С. дода шуд.

Пас аз анҷоми маъруза аз ҷониби аъзои Шуро ба довталаб саволҳо пешниҳод гардиданд. Аз ҷумла, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Қодиров Д., номзади илмҳои филологӣ Пирхонова Қ. ва саромӯзгор Маҳмадалиев Ф дар атрофи маърузаи довталаб саволҳо пешниҳод намуданд. Маърузакунада ба саволҳо ҷавобҳои қонеъкунанда дод.

Баъдан, бо хоҳиши роҳбари илмӣ тақризҳои роҳбари илмӣ ва мушовири илмӣ аз ҷониби котиби Шӯрои олимони факултет қироат карда шуд.

Сипас, тибқи тартиб муқарризи холис – доктори илмҳои филологӣ, директори пажӯҳишгоҳираванҷҳои сиёсӣ, дипломатия ва масоили ҷаҳонишавии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикист Раҳмонова Н.Ш. баромад намуда, ҷанбаҳои мусбати таҳқиқоти диссератсиониро зикр намуда, аз дастовардҳо ва саҳми назарраси довталаби илмӣ дар тақризашон ёдовар шуданд. Ҳамчунин, барои беҳбудии кор тавсияҳо низ пешниҳод намуданд. Номбурда дар охири суханрониашон диссератсияро кори комилан бaанҷомрасида арзёбӣ карда, барои экспертизаи навбатӣ ба Шурои диссертатсионӣ назди ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода пешниҳод намудан, тавсия карданд.

Баъдан муқарризи холис – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забонҳои хориҷии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Насруддинов С.М. ба сухан баромада, нисбати хуб таҳияву омода гаштани кори диссертатсионӣ ва пурра ҳаллу фасл гаштани мақсаду вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқотӣ ибрози фикр намуданд. Барои беҳбудии кор эродҳои худро баён намуда, дар маҷмуъ кори диссератсиониро баанҷомрасида қайд карданд. Муқарризи холис Насруддинов С. диссертатсии довталабро барои ба экспертизаи навбатӣ ба Шӯрои диссертатсионии назди ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода тавсия карданд.

Ба эродҳои муқарризони холис довталаб Қосимов М.С. ҷавоби қаноатбахш дод.

Пас аз қироати тақризҳо аъзои шуро ба муҳокимаи натиҷаҳои диссератсия пардохтанд. Дар муҳокима аъзои шуро – номзадони илм Самардинов Қ. ва Чиллаев С. иштирок намуда, пешниҳоди муқарризони холисро ҷонибдорӣ намуда, қайд карданд, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ тарафҳои мухталифи муқоисаи корбурди пешояндҳо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст, натиҷаҳои он бешубҳа минбаъд дар инкишофи илми забоншиносӣ аз аҳамият холӣ нахоҳад буд.

Дар охир аъзоёни ҷаласа пешниҳоди муқарризони холисро дар хусуси таҳқиқоти диссератсионии довталабро ба экспертизаи навбатӣ ба

Шӯрои диссертатсионии назди ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода тавсия додан дастгирӣ намуданд.

Баъд аз муҳокима таклифи муқарризони холис ва аъзои шуро дар мавриди ба экспертизаи навбатӣ ба Шӯрои диссертатсионии назди ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода пешниҳод намудани диссератсияи Қосимов М.С. ба овоз монда шуд.

Натиҷаи овоздиҳӣ:

- тарафдор – 13 нафар;
- муқобил – нест;
- бетараф – нест.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Қосимов Муҳаммадҷон Сафарович дар мавзуи «Муқоисаи корбурди пешояндҳо ва таҳлили маъноии онҳо дар матни бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар заминаи тарҷумаи англисии асарҳои «Ёддоштҳо», «Мактаби куҳна» ва «Аҳмади Девбанд»-и С.Айнӣ») таҳқиқоти илмии бaанҷомрасида ва ба талаботи корҳои диссертатсионии аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида ҷавобгӯй мебошад.

2. Диссератсияи Қосимов Муҳаммадҷон Сафарович дар мавзуи «Муқоисаи корбурди пешояндҳо ва таҳлили маъноии онҳо дар матни бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар заминаи тарҷумаи англисии асарҳои «Ёддоштҳо», «Мактаби куҳна» ва «Аҳмади Девбанд»-и С.Айнӣ») ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-036-и назди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода пешниҳод карда карда шавад.

Раиси ҷаласа, декани
филология ва рӯзноманигори,
н.и.ф., дотсент Самардинов Қурбон Наимович

Котиби ҷаласа:
номзади илмҳои филологӣ Пирхонова Қурбоной

"Тасдиқ мекунам"
Сардори шуъбаи кадрҳои
Донишгоҳи давлатии Данғара Ҷаббори Н.Ҷ.

ШУЪБАИ КАДРҲО